*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

13 феврали соли 2023

№ 3 (172)

# МАРҲАБО БА ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН!

**Довталабони гиромӣ!**

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 1990 таъсис ёфта аввалин маротиба дар таърихи Тоҷикистон барои соҳаҳои воқеии иқтисодиёти кишвар - саноати сабук ва хӯрокворӣ мутахассисони маълумоти олидоштаро, ки то даврони Истиқлолият дар хориҷи кишвар тайёр карда мешуданд, таъмин намуд.

ДТТ дар давоми фаъолияташ барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат зиёда аз 15000 мутахассиси рақобатпазирро тайёр кардааст, ки алҳол дар соҳаҳои калидии иқтисодиёти кишвар бомуваффақият фаъолият намуда истодаанд.




Донишгоҳ барои ташкили босамари ҷараёни таълим ва дар сатҳи талаботи стандартҳои байналмилалӣ тайёр намудани мутахассисон дорои иқтидор (потенциал)-и баланди илмӣ-омӯзгорӣ, заминаи мустаҳками моддию техникӣ мебошад. Зиёда аз 90 синфхона бо тахтаҳои электронӣ ва асбобҳои мултимедиявӣ ҷиҳозонида шуда, дар ҷараёни таълим ва корҳои илмию тадқиқотӣ беш аз 900 компютер ва 24 синфхонаи компютерӣ, зиёда аз 20 озмоишгоҳи тахассусӣ мавриди истифода қарор доранд.

Мавҷудияти озмоишгоҳҳои тахассусии таълимӣ, ҳамкории васеъ бо корхонаҳои саноатӣ имконият медиҳанд, ки мутахассисон баъди хатми донишгоҳ ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ бошанд ва соҳиби ҷойи кор гарданд. Онҳо дар давоми таҳсил ба корхонаҳои саноатӣ, бонкҳо, ширкатҳо ба таҷрибаомӯзӣ ва гузаронидани дарсҳои тахассусӣ ҷалб карда мешаванд.

Донишҷӯён дар Марказҳои омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ва дизайн маҳорати касбии худро метавонанд сайқал диҳанд. Донишҷӯёни дилхоҳ факултетҳо имконият доранд, ки дар марказҳои ҳунаромӯзӣ иштирок карда нозукиҳои дӯхтани сару либос, зардӯзӣ, расмкашию нақшбандӣ дар арғумонҳоро аз худ намоянд.

Ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ васеъ буда, бо 138 таълимгоҳи олии хориҷи кишвар ҳамкорӣ дорад. Мутахассисон аз хориҷи кишвар даъват карда шуда, аз фанҳои тахассусӣ ба донишҷӯён дарс медиҳанд. Донишгоҳ ҳар сол дар доираи барномаҳои байналмилалии ЭРАСМУС+, GIZ соҳиби чандин грантҳо мегардад, ки онҳо ба кормандон ва донишҷӯён барои дар хориҷи кишвар таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ намудан имкониятҳои васеъро фароҳам меоваранд.

Дар назди ДТТ фаъолият намудани Маркази Тоҷикистону Кореяи Ҷанубӣ оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯён забонҳои муосири барномасозиро аз худ намуда, тарзи барномарезии кори роботҳо ва таҷҳизоти бесарнишинро аз худ намоянд.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар асоси ҳамкориҳо бо таълимгоҳҳои олии кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Беларус, созишномаи ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии Полотск ба имзо расонид, ки дар заминаи он факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар асоси низомномаи факултет донишҷӯён ду соли аввал дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳсил намуда, имконияти давом додани таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларусро доранд.

Донишгоҳ аз рӯйи 49 ихтисос дар зинаи бакалавр, аз рӯйи 36 ихтисос дар зинаи магистратура ва аз рӯйи 8 самти илмӣ докторантура аз рӯи ихтисос PhD мутахассис тайёр мекунад. Бо қарори Шӯрои аккредитатсионии Агентии мустақили рейтинг ва аккредитатсияи Ҷумҳурии Қазоқистон ду барномаи таълимии донишгоҳ ба мӯҳлати 5 сол ва як барномаи таълимӣ ба мӯҳлати 3 сол соҳиби Шаҳодатномаи



байналмилалии аккредитатсияи барномавӣ гардиданд.

Шурӯъ аз соли таҳсили 2022-2023 дар донишгоҳ ихтисоси нав-интеллекти сунъӣ таъсис дода шудааст, ки мутахассисонро мутобиқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ бо ҷалби мутахассисон аз Кореяи Ҷанубӣ омода менамоянд.

Дар раванди автоматикунонии фаъолияти донишгоҳ дар китобхона барномаи ба таври автоматӣ баҳисобгирии захираи китобҳо, дархости автоматии китобҳо ба роҳ монда шуда, инчунин китобхонаи электронии донишгоҳ бо истифода аз 30 адад компютер ташкил карда шудааст. Ба ғайр аз ин, як толори ташкили онлайн дарсҳо мавриди истифода қарор дода шуд, ки дарсҳо бо ҷалби олимони донишгоҳҳои хориҷи кишвар гузаронида мешаванд.

Соли 2022 дар донишгоҳ Маркази забономӯзии Донишкадаи шоҳ Сеҷонги Ҷумҳурии Корея бо синфхонаи муосири лингофонӣ кори худро ифтитоҳ бахшид, ки дар он курсҳои забономӯзии кореягӣ бо ҷалби омӯзгорон аз Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ гузаронида мешаванд.

**Довталабони гиромӣ!**

**Агар Шумо ихтисосҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб намоед, ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ орзуҳои шуморо амалӣ мегардонанд.**

***Амонзода Илҳом Темур,***
**ректори донишгоҳ**

## ЧАРО МАН МАҲЗ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОНРО ИНТИХОБ МЕКУНАМ?

**Чунки:**

-дорои ҷоизаи бонуфузи “Ситораи сифат”-и рейтинги байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии Авруосиё;

-70 нафар докторанту унвонҷӯ;

-26 озмоишгоҳи илмӣ-тахассусӣ;

-120 стипендияи номӣ, аз ҷумла 37 стипендияи Президентӣ ва 120 стипендияи байналмилалӣ дар 5 соли охир;

-беш аз 900 компютер;

-43 барномаи таълимӣ мебошад.

Инчунин, фароҳамсозандаи имкониятҳо ба таҳсили байналмилалӣ;

-тавлидсозандаи неруи ҷаҳонии созанда ва эҷодкор;

-созандаи ҷомеаи донишбунёд ва фановарӣ;

-таҳвилдиҳандаи технологияҳои муосир;

-ҳамқадами фановарии асри XXI аст.

-Соле ду маротиба озмуни “Ихтироъкори ҷавон” ва «Лоиҳаҳои инноватсионӣ»-ро баргузор менамояд. Барои ғолибони озмуни “Ихтироъкори ҷавон” ҷойи 1-ум 5000 сомонӣ, ҷойи 2-юм 3000 сомонӣ, ҷойи 3-юми 1500 сомонӣ ва барои ғолибони озмуни “Лоиҳаҳои инноватсионӣ” ҷойи 1-ум 3000 сомонӣ, ҷойи 2-юм 2000 сомонӣ, ҷойи 3-юм 1000 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

-Дар баробари олимону омӯзгорони ватанӣ мутахассисони ботаҷрибаи хориҷиро низ ҷалб менамояд.

## НОМГӮИ ИХТИСОСҲО ВА МАБЛАҒИ ТАҲСИЛИ ЯК ДОНИШҶӮ ДАР ШУЪБАҲОИ РӮЗОНА ВА ФОСИЛАВӢ – ҒОИБОНА БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2023-2024

| Ихтисосҳо ва тахассусҳо | | Шакли таҳсил | Мабл. таҳсил, сомонӣ | Рақами кластер |
|---|---|---|---|---|
| **ФАКУЛТЕТИ МУҲАНДИСӢ - ТЕХНОЛОГӢ** | | | | |
| 154010105 | Метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати хурокворӣ) | Рӯзона | 4650 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 4100 | |
| 1360901 | Мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-490101 | Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизоӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-49010201 | Технологияи гӯшт ва маҳсулоти гуштӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-49010202 | Технологияи шир ва маҳсулоти ширӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-910101 | Истеҳсоли маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ДИЗАЙН** | | | | |
| 1-1901010202 | Дизайни интерер | Рӯзона | 5280 | 3 |
| 1-19010105 | Дизайн (костюм ва газвор) | Рӯзона | 5280 | 3 |
| 1-50010107 | Лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-50 01 01 08 | Технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти наххои табиӣ | Рӯзона | 4650 | 1 |
| 1-500102 | Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 154010104 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати сабук) | Рӯзона | 4650 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 4100 | |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ИНТЕЛЛЕКТИ СУНЪӢ** | | | | |
| 1-40010101 | Системаҳои компютерӣ ва интернет – технологияҳо | Рӯзона | 5280 | 1 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| 1-40010102 | Системаҳои автоматикунонидашуда | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40010103 | Системаҳои компютерии бонкӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40 01 01 04 | Системаҳои таъмини бехатарии маълумот | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40 01 01 07 | Таъмини математикӣ ва барномавии истеҳсолоти автоматонӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40 01 01 08 | Муҳандисии барномавӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40010202 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| 1-40 03 01 | Интеллекти сунъӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ ВА ТАЪЛИМОТИ КАСБӢ** | | | | |
| 1-0801010701 | Таълимоти касбӣ (информатика) | Рӯзона | 4650 | 1 |
| 1-08010110(01) | Таълимоти касбӣ (дизайн) | Рӯзона | 4470 | 3 |
| 1-450103 | Шабакаҳои телекоммуникатсионӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА МОЛИЯ** | | | | |
| 1-25010201 | Иқтисодиёти таҳлилӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| 1-250104 | Молия ва қарз | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| 1-250107 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| 1-25010107 | Идораи лоиҳаҳо | Рӯзона | 5280 | 2 |
| 1-25011024 | Таъмини иттилоотии бизнес | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-25010805 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат | Рӯзона | 5280 | 2 |
| **ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТ ВА МАРКЕТИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ** | | | | |
| 1-250103 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| 1-26020305 | Маркетинги байналмилалӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| 1-25010304 | Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| 1-26020202 | Менеҷменти байналмилалӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| 1-26020208 | Менеҷменти инвеститсионӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| **ФАКУЛТЕТИ МУШТАРАКИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ПОЛОТСКИ ҶУМҲУРИИ БЕЛАРУС ВА ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН*** | | | | |
| 1-360701 | Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолоти кимиёвӣ ва корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ | Рӯзона | 5300 | 1 |
| 1-700501 | Лоиҳакашӣ, иншоот ва истифодабарии қубурҳои газу нафт ва анборҳои газу нафт | Рӯзона | 5300 | 1 |

* - донишҷӯён ду соли аввалро дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва се соли боқимондаи таҳсилро дар Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус идома медиҳанд.

**ДОВТАЛАБОНИ АЗИЗ! Хоҳишмандем ҳангоми интихоби ихтисосҳо ба таълимгоҳҳои олӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро дар ҷойи аввал гузоред.**

**Суроғаи мо:**
**ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3**
**Тел. (+992 37) 234-79-88 / 234-79-90**
**Суроғаи электронӣ: rectorat-tut@mail.ru**
**Саҳифаи Интернет: http//www.tut.tj**

# ҒОЛИБОНИ ОЗМУНҲОИ ҶУМҲУРИЯВӢ



Номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи технологияи маснуоти нассоҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Саидов Давлаҳмад Аҳмадович дар озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат», аз рӯи номинатсияи «Ихтироъкорӣ ва навоварӣ» дар байни ходимони илмӣ, аспирантону докторантон, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантони ҳабилитат ва унвонҷӯён, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, муҳандисон, конструкторон ва намояндагони касбу кори гуногун сазовори ҷои якум гардида, бо диплом, рамзи озмун ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 35 000 сомонӣ сарфароз гардонида шуд.



Гирандаи стипендияи Президентӣ, хонандаи синфи 10-и литсейи инноватсионии "Душанбе"-и назди ДТТ Гулбаҳор Камолиддинова дар даври хотимавии озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", дар номинатсияи адабиёти муосири тоҷик ва хонандаи синфи 8-и ҳамин литсей Фарҳунда Шарифова дар номинатсияи кӯдакону наврасон, ҳар кадом сазовори ҷойи 3-юм ва мукофоти пулӣ ба миқдори 20 000 сомонӣ гардиданд.



**Ҷараёни дарс аз фанни сармоягузорӣ**



**Мутахассиси Кореяи Ҷанубӣ ба донишҷӯёни донишгоҳ дарс гузаронида истодааст.**



**Дар фестивали шаҳрии «Чакомаи гесӯ», ки аз бахшҳои гуногун иборат буд, донишҷӯдухтарони донишгоҳ фаъолона иштирок доштанд.**

# НАҚШАИ ҚАБУЛ БА ЗИНАИ МАГИСТРАТУРАИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2023-2024

| № | Рамзи ихтисос | Ихтисос | Тибқи иҷозатнома № АУ 0002786 ва замимаи он аз 25.05.2019 | | Нақшаи қабул (ҳамагӣ) | Шуъбаи рӯзона | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | буҷетӣ | | | | шартномавӣ | | | | Ҳамагӣ рузона |
| | | | рӯзона | фосилавӣ | | тоҷикӣ | русӣ | ӯзбекӣ | англисӣ | тоҷикӣ | русӣ | ӯзбекӣ | англисӣ | |
| 1. | M19010105 | Дизайни костюм ва газвор | 10 | - | 10 | 1 | 2 | - | - | 4 | 3 | - | - | 10 |
| 2. | M54010104 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати сабук) | 10 | - | 10 | 2 | 2 | - | - | 3 | 3 | - | - | 10 |
| 3. | M54010105 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрока) | 10 | - | 10 | 2 | 2 | - | - | 3 | 3 | - | - | 10 |
| 4. | M490101 | Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти ашёи хоми ғизоӣ | 8 | - | 8 | 1 | 1 | - | - | 3 | 3 | - | - | 8 |
| 5. | M49010201 | Технологияи шир ва махсулоти ширӣ | 10 | - | 10 | 1 | 1 | - | - | 4 | 4 | - | - | 10 |
| 6. | M40010101 | Системаи компютерӣ ва интернет-технологияҳо | 10 | - | 10 | - | 2 | - | - | - | 8 | - | - | 10 |
| 7. | M40010202 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | 10 | - | 10 | - | 2 | - | - | - | 8 | - | - | 10 |
| 8. | M43010601 | Технологияи энергияи самарабахш дар энергетика | 10 | - | 10 | 1 | 1 | - | - | 4 | 4 | - | - | 10 |
| 9. | M45010301 | Истифодабарии техникии шабакаҳои телекоммуникатсионӣ | 10 | - | 10 | 1 | 1 | - | - | 4 | 4 | - | - | 10 |
| 10. | M250103 (01) | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (Идораи фаъолияти иқтисодиёти берунӣ) | 25 | - | 25 | 2 | 3 | - | - | 10 | 10 | - | - | 25 |
| 11. | M26020202 | Менеҷменти байналмилалӣ | 10 | - | 10 | 1 | 1 | - | - | 4 | 4 | - | - | 10 |
| 12. | M250104 (10) | Молия ва карз (Менеҷменти молиявӣ) | 25 | - | 25 | 2 | 3 | - | - | 10 | 10 | - | - | 25 |
| 13. | M25010711 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | 15 | - | 15 | 1 | 2 | - | - | 6 | 6 | - | - | 15 |
| | | **Ҳамагӣ** | **163** | - | **163** | **15** | **23** | - | - | **55** | **70** | - | - | **163** |

**“Ҷавонон мояи ифтихор ва сарбаландии Тоҷикистони азиз мебошанд. Мо ба ҷавонон эътимоди комил дорем, дастгирии самимонаи онҳоро аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат қадрдонӣ мекунем ва нақши арзандаашонро дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти кишвар эҳсос менамоем”.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**



**ДАР СУРАТ: донишҷӯёни факултети технология ва дизайн ҳангоми машғулиятҳои амалӣ акс ёфтаанд.**



**Барои ташкили курси тайёр намудани хӯрокҳои халқҳои ҷаҳон мутахассиси ташкилоти олмонии SES, Георг Мэдинг ба донишгоҳ ҷалб карда шуд ва тайи қариб як моҳ аз рӯи барномаи таҳияшуда ба омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни факултети муҳандисӣ-технологӣ машғулиятҳои назариявию амалӣ гузаронд.**

**Дар сурат: намоди берунаи бинои Китобхонаи илмии ДТТ**



***Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,***
***Қуфлкушои ҳама дарҳост илм.***

**Китобхонаи донишгоҳ макони муқаддас ва ҷои дӯстдоштаи омӯзгорону донишҷӯён аст.**



**Аз 1-уми сентябри соли 2021 бинои азнавсозишудаи Китобхонаи илмии донишгоҳ, иборат аз толори қироатхона бо 200 ҷойи нишаст, китобхонаи электронӣ бо 35 ҷойи нишаст, толори онлайн-машғулиятҳо ва онлайн-конференсияҳо бо 60 ҷойи нишаст, толори нигаҳдории китобҳо ва фонди таълимӣ (барои 150 ҳазор китоб) ва озмошгоҳи иқтисодӣ ба истифода дода шуд, ки тамоми таҷҳизот тибқи талаботи стандартҳои аврупоӣ харидорию насб карда шудаанд.**

# РАҚАМҲО ДАЛОЛАТ МЕКУНАНД

Ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳро дар маҷмӯъ 178 нафар ташкил медиҳад, ки аз ин миқдор 12 нафар доктори илм ва 100 нафар номзади илм мебошанд. Ҳиссаи омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмидошта аз 46,7%-и соли 2021 ба 62,9 % расид, ки ин ба талаботи меъёрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) пурра ҷавобгӯй мебошад.

***

Айни замон дар раванди таълим беш аз 900 адад компютер истифода бурда мешавад, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 73 адад зиёд аст.

***

Соли 2022 дар маҷмӯъ 1033 нафар донишҷӯ донишгоҳро аз рӯи 40 ихтисос хатм намуданд. Дар ин сол 28 нафар донишҷӯи зинаи бакалавр ва 3 нафар донишҷӯи зинаи магистратура донишгоҳро бо дипломи аъло ҷамъбаст намуданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2021-ум 1,5% зиёд мебошад.

***

Дар соли таҳсили 2021-2022 дар донишгоҳ зиёда аз 122 маводи таълимию методӣ аз чоп бароварда шудааст. Аз ҷумла, 5 китоби дарсӣ, 37 дастури таълимӣ, 66 дастури методӣ, 14 монография.

***

Боиси ифтихор аст, ки соли 2022-юм 12 нафар омӯзгор ва корманди донишгоҳ бомуваффақият рисолаҳои илмӣ дифоъ намуданд, ки аз ин миқдор 11-тоаш рисолаи номзадӣ ва 1-тоаш рисолаи докторӣ мебошад

***

Барои тасдиқи натиҷаҳои корҳои ихтироъкориву навоварӣ олимону омӯзгорони донишгоҳ соли ҷорӣ соҳиби 4 патент (2- тоаш Авру Осиёгӣ) ва чор ҳалномаи мусбӣ оид ба гирифтани патент гардиданд.

***

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҷиҳати амалигардонии дастуру супоришҳои Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, татбиқи Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ барои давраи то соли 2040 “Маркази таълимӣ-муҳандисии лифт” -ро дар ҳамкорӣ бо Коллеҷи лифти Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ ва ҳамоҳангсозии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ бахшид. Дар маркази зикргардида бо ҷалби омӯзгорон ва мутахассисон аз Коллеҷи лифти Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ курсҳои кӯтоҳмуддати ҷӯрсозӣ ва таъмири лифтҳои замонавӣ ба роҳ монда мешавад.

***

Дар самти мустаҳкам намудани алоқа бо истеҳсолот ва фароҳам овардани шароит барои таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён дар соли 2022-юм 22 шартномаи ҳамкорӣ бо корхонаю муассисаҳо баста шуданд.

Дар умум донишгоҳ бо зиёда аз 125 корхона, ташкилот ва муассиса шартномаҳои ҳамкориро ба имзо расонидааст.




ДТТ дар рейтинги байналмилалӣ дар байни донишгоҳҳои Авру Осиё ҷойи ифтихориро ба даст овард ва ба ҷоргонаи донишгоҳҳои бонуфузи Авру Осиё шомил гашта, ва бо ҷоизаи бонуфузи “Ситораи сифат”-и рейтинги байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олӣ “Рейтинги донишгоҳҳои Авру Осиё IAAR (IAAR-EUR) – 2022” сарфароз гардонида шуд.



Дар донишгоҳ соле ду маротиба озмуни “Ихтироъкори ҷавон” ва “Лоиҳаҳои инноватсионӣ” гузаронида шуда, ғолибон бо мукофотҳои пулӣ ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда мешаванд.





**Маркази омӯзишӣ – таълимӣ оид ба дӯзандагӣ, ки дар асоси Барномаи ҷаҳонии нассоҷӣ ва дӯзандагӣ (GTEX) дар Тоҷикистон таъсис ёфтааст, дар амалигардонии ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар нақши арзанда гузошта истодааст.**



Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар баробари таълиму тарбия ба соҳаи варзиш низ диққати зарурӣ дода мешавад.

**Дар сурат: лаҳза аз ҷараёни мусобиқа оид ба футбол.**

Фановар

Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР:
Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Рӯзнома 25 октябри соли 2020 таҳти № 224/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 3148 нусха